# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Арбобов Хайёмҷон Мукаддамович дар мавзуи «Таърихи муҳандисӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи муҳандисӣ)**

Рисолаи Арбобов Хайёмҷон Муқаддамович дар мавзуи «Таърихи муҳандисӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XV» ба яке аз масъалаҳои мубрами таърихи илм ва техника дар мисоли таърихи муҳандисӣ бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки дар таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ саҳми донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ба дараҷаи бояд омӯхта нашудааст. Ниёгони тоҷикон чӣ тавре, ки дар соҳаҳои адабиёт, таърих ва фалсафа саҳми бузург доранд, дар соҳаҳои илмҳои табииётшиносӣ (физика, химия, биология ва ғ.), риёзӣ (арифметика, геометрия, тригонометрия), геология, техника, муҳандисӣ низ саҳми босазо доранд, ки мутаассифона то ҳанӯз мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқу густурда қарор нагирифтааст.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Арбобов Х.М. ба омӯзишу пажӯҳиш ва таҳлилу таҳқиқи таърихи муҳандисӣ дар осори донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик бахшида шудааast, ки ӯ мустақилона ва муҳаққиқона аз ӯҳдаи ин кор баромадааст.

Арбобов Х.М. дар таҳқиқоти диссертатсионии худ комилан дуруст қайд менамояд, ки аввалин унсурҳои донишҳои муҳандисӣ дар кишварҳои Шарқи Қадим (Мисри Қадим, Бобулистон, Эрон, Ҳиндустон ва Чини Қадим) пайдо шуда, юнониёни бостонӣ тавонистанд нафақат муҳандисӣ, балки тамоми донишҳои маълуми замони худро бо як низоми муайян мавриди баррасӣ қарор бидиҳанд.

Диққати асосӣ дар диссертатсияи Арбобов Х.М. ба саҳми ниёгони асримиёнагии форс-тоҷик дар масъалаи ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисӣ бахшида шудааст.

Арбобов Х.М. диссертатсияи худро дар ҳаҷми ду бобу панҷ зербоб таҳлилу таҳқиқ намуда, дар муқаддимаи он интихоби мавзӯъ, аҳамияти дараҷаи омӯзиш, вазифаю ҳадаф ва инчунин таҳқиқу марҳилаҳои омӯзиши онро комилан дуруст баён кардааст.

Бояд гуфт, ки боби дуюми диссертатсияи Арбобов Х.М. таҳқиқоти илмӣ буда, барои таърихи илму техникаи ниёгон саривақтӣ мебошад. Зеро муаллиф дар мисоли таълифоту таснифоти баъзе аз донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик масъалаи ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисиро дар таърихи илму техникаи ватанӣ хеле равшан ва дақиқ нишон дода тавонистааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти худро диссертант чунин баён кардааст, ки дар асоси сарчашмаҳои муътамад, тадқиқоти илмии мавҷуда бори нахуст дар таърихи илму техникаи ватанӣ пайдоиш, ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисӣ дар осори ниёгони тоҷикон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар рисола аҳамияти омӯзиши таърихи муҳандисӣ дар сафҳаҳои таърихи илму техникаи ҷаҳонӣ матраҳ гардидааст.

Ҷиҳати дигари навгонии тадқиқот, омӯзиши ҷараёни ташаккул ва инкишофи донишҳои муҳандисӣ ва аҳамияти он дар таърихи илму техникаи ҷаҳонию ватанӣ мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот аз тавсифи фаъолияти донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик ва саҳми онон дар илму тамаддуни ҷаҳонӣ баррасӣ гардидааст.

Масъалаи мазкур аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чӣ дар замони соҳибистиқлолият ва чӣ қабл аз он аз рӯи рамзи 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (таърихи муҳандисӣ) мавриди таҳқиқоти хоса қарор гирифтааст.

Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки ба забони давлатӣ-тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй комилан инъикоскунандаи моҳияти рисола мебошанд.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертант дар 21 номгӯй интишороти ӯ инъикос ёфтааст, ки аз он ҷумла, 7 номгӯй дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР ба нашр расидааст ва ин эътирофи ӯро ҳамчун мутахассиси соҳаи таърихи илм (таърихи муҳандисӣ) нишон медиҳад.

Ман итминони комил дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Арбобов Х.М. ин оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ дар ҷодаи доманадори таърихи илм ва хусусан таърихи муҳандисӣ ба шумор меравад ва ӯ метавонад дар оянда пажӯҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника (таърихи муҳандисӣ) ба шумор меравад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Роҳбари илмӣ
номзади илмҳои техникӣ,
академики Академияи
муҳандисии Тоҷикистон

Азим Иброҳим
01.03.2024

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
E-mail: azimibrohim1962@mail.ru
Тел.: (+992) 907 70 49 74

*Имзои Азим Иброҳимро тасдиқ мекунам*
*Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон* *Ҳодизода К.*

ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО